**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
___________________Қ.Ҳ. Хушвахтзода
«_13_» ____03____________ с. 2020

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Соли 2012 факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Ҳуқуқшиносӣ» хатм намудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия аз соли 2015 то соли 2018 Ҳайдарзода М.П. ҳамчун адъюнкти таҳсили рӯзонаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳоноти номзадӣ санаи 5-уми июни соли 2018, таҳти № 3664 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Сафарзода Ҳаёт Сайдамир, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аслияти автореферати диссертатсияи Ҳайдарзода М.П. 92.6 % -ро ташкил медиҳад (маълумотномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29.02.2020).

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул шудааст:

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот дар он аст, ки экстремизм, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, дар ибтидои асри XXI ҳудуди давлатҳои алоҳидаро рахна сохта, боиси эҷод намудани хатарҳои глобалӣ ба амнияти минтақа ва ҷаҳон гардидааст. Таблиғоти бесобиқаи идеологияи экстремистӣ дар тамоми манотиқи дунё, боиси ба вуқӯъ пайвастани амалҳои бераҳмонаи ҷиноятӣ ва задухӯрдҳои мусаллаҳона дар Сурия, Ироқ, Афғонистон, Покистон ва дигар кишварҳо гардида, ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк менамояд, ки фаъолияти ташкилоти экстремистӣ ва террористии байналмилалӣ барои инсоният хатари бузургеро эҷод намудааст. Тоҷикистон дар зарфи 29 соли истиқлолияти давлатии худ бо ин зуҳуроти номатлуби замон муқовимат намуда, дар самти таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ таҷрибаи зарурӣ касб кардааст. Новобаста ба ин, дар зарфи даҳ соли охир рӯ ба афзоиш ниҳодани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар сохтори умумии ҷинояткорӣ, боиси нигаронии роҳбарияти давлат ва аҳли ҷомеа гардидааст.

Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба мақоми олии қонунгузор аз 26-уми декабри соли 2019 иброз медорад, ки «Шарти муҳимми ба даст овардани муваффақият дар мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳамоҳангшудаву босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар ин самт маҳсуб меёбад».

Аз ин лиҳоз, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ, инчунин амалияи муқовимат бо тундгароӣ, экстремизм ва терроризм яке аз мақсадҳои асосии ҳукумату давлат ба шумор рафта, онҳо дар «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ва «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» бевосита дарҷ гардидаанд, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо гузаронидани таҳқиқи

ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорҳои хусусияти экстремистидошта дар шароити муосир, тақозои замон мебошад.

Бинобар ин, муҳаққиқ дар доираи ин иқдом мавзӯи рисолаи худро ба «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида, мақсади онро дар таҳлили маҷмӯии илмии тамоми ҷанбаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт, инчунин фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниро баҳри ҳифзи амнияти шахсият, ҷамъият ва давлат аз ҳар гуна зуҳуроти экстремистӣ маънидод карда, барои расидан ба ин ҳадаф як қатор вазифаҳои мушаххасро дар пеш гузошта, зина ба зина бо пайдарҳамии хосса барои ҳалли онҳо пардохтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он дарак медиҳанд, ки мақсади он тибқи объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ дуруст муайян карда шуда, барои интихоби мундариҷа ва сохти дурусти кор мусоидат намудааст. Диссертатсия кори илмии анҷомёфта буда, дар он ҳамаи вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои пазируфташуда, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ пешбарӣ шудаанд, асоси назариявии диссертатсияро ташкил дода, барои пешбарии мафҳумҳои муаллиф ва асоснок намудани мавқеи ӯ заминаи кофии илмӣ гузоштаанд. Заминаи методологии диссертатсия барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таҳқиқот мусоидат намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аввалин маротиба дар шакли маҷмӯӣ ба роҳ монда шуда, навгонии он бо пешбарии як қатор мафҳумҳо ва проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузории зиддиэкстремстӣ, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидаанд, дар ду боб ва шаш зербоб ифода меёбад.

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ теъдоди назарраси муаммоҳои қонунгузорӣ муайян шуда, роҳҳои ҳалли онҳо чи дар назария ва чи дар амалия пешниҳод гардидааст ва барои дуруст квалификатсия намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта андешаҳои судманд манзур карда шудаанд.

Муаллиф таносуби истилоҳоти «радикализм», «фундаментализм», «натсионализм» ва «экстремизм»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае меояд, ки истилоҳи «экстремизм» дар замони муосир мазмуни маҷмӯиро касб карда, мустаҳкам намудани мафҳуми умумиҳуқуқии он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» амри зарурист.

Ҳамзамон, дар таҳқиқот аз мавҷуд набудани мафҳуми умумиэътирофшудаи экстремизм дар ҳуқуқи байналмилалӣ изҳори нигаронӣ шуда, дарҷ гардидааст, ки он дар ҳошияи мафҳумҳои «табъиз», «бегонаҳаросӣ», «натсизм», «расизм», «антисемитизм», «таҳаммулнопазирӣ» ва як қатор мафҳумҳои дигар ташаккул ёфта истодааст.

Дар раванди таҳқиқот, муаллиф экстремизмро ҳачун падидаи хавфноки сиёсӣ ва ҷиноятӣ маҳсуб дониста, шакл ва намудҳои онро ҷудо намудааст. Ӯ ба хулосае омадааст, ки экстремизм дорои шаклҳои зӯроварона ва ғайризӯроварона буда, намудҳои маъмули он бо ангезаҳои сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ-мазҳабӣ ва маҳалгароӣ содир карда мешаванд.

Дар диссертатсия ба таври маҷмӯӣ муаммоҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта пешбинӣ менамоянд, қоидаҳои бандубасти ин кирдорҳои сазовори ҷазои ҷиноятӣ, таносуби мафҳуми «экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ» ва дигар истилоҳоти бо онҳо алоқаманд дар муқоиса бо Қонуни қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» матраҳ гардида, дастовардҳо ва камбудиҳои қонуни навин низ асоснок карда шудаанд. Аз ҷумла, муаллиф иброз

медорад, ки мафҳуми «экстремизм» дар қонуни навин боз ҳам фарохтар маънидод гардида, хусусияти умумиҳуқуқиро касб кардааст, ки ҳам ҷанбаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам ҷанбаҳои ҳуқуқи маъмурии онро дар бар мегирад. Инчунин, оид ба таносуби истилоҳоти «фаъолияти экстремистӣ» ва «фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ эътироф карда мешавад», дар қонунгузории навин ихтилофоти назаррас мавҷуд буда, боиси эҷод гардидани мушкилоти ҳуқуқтатбиққунӣ шуда метавонад. Зеро таърифи дуруст ва илман асосноки мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ» барои равшан сохтани мафҳуми «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта» заминаи бунёдӣ мебошад.

Муаллиф дар диссертатсия иброз медорад, ки дар Қонуни қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» «даъвати оммавӣ барои содир намудани амалҳои террористӣ ва ба таври оммавӣ дастгирӣ намудани терроризм» ва «ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ё иштирок дар онҳо» ҳамчун кирдорҳои хусусияти экстремистидошта эътироф гардида буданд, ки ин ихтилофот дар қонуни навини зиддиэкстремисти қисман бартараф карда шудааст. Бинобар ин, ӯ дар навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодкардашуда ба пуррагӣ бартараф сохтани ин ноқисии қонунгузориро тақозо карда, изҳор медорад, ки онҳо дар қонунгузории амалкунандаи зиддитеррористии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаҳои террористӣ эътироф гардидаанд.

Ба андешаи муаллиф, дар мафҳуми тозабунёди «фаъолияти экстремистӣ» истилоҳи «маблағгузории экстремизм», «сафедкунии оммавии экстремизм» ва як қатор кирдоҳои дигари хусусияти экстремистидошта аз мадди назари қонунгузор дӯр монда, баракс, истилоҳи «қобилияти мудофиавии давлат» ҳамчун падидаи экстремистӣ эътироф гардидааст, ки ин раванд метавонад проблемаҳои нави ҳуқуқтатбиққуниро ба бор орад. Ҳамзамон, аз сабаби васеъ ва баҳснок будани мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ», муаллиф ҷонибдори истифодаи ин мафҳуми криминологӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ набуда, ба

ҷойи ин дар Кодекси ҷиноятӣ мавриди амал қарор додани истилоҳи илман асоснокшудаи «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта»-ро ба мақсад мувофиқ медонад.

Дар таҳқиқот аз номукаммалии номгӯйи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта низ изҳори нигаронӣ шуда, андешаҳои судманд вобаста ба ин масъала иброз гардидаанд. Муҳаққиқ аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноятҳоро таҳлил карда, монандӣ ва фарқияти онҳоро дар асоси афкори арзишманди мутахассисони соҳа ва пурсишҳои сотсиологии гузаронидашуда нишон додааст, ки аз ҷанбаи илмӣ доштани таҳқиқот ва аҳамияти амалӣ доштани он дарак медиҳад.

Барои исботи андешаҳои иброзшуда, муаллиф аз қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ, маълумоти омории солҳои 2010-2017 истифода бурда, ба омӯзиши 100 парвандаҳои ҷиноятии марбут ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта машғул шуда, дар байни муфаттишони Раёсати тафтишотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, муфаттишони Раёсати тафтишотии КДАМ, Прокуратураи генералӣ ва судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар байни донишҷӯёни фаъоли макотиби олии бонуфӯзи кишвар, аз қабили Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон, Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон пурсишҳои сотсиологӣ гузаронида, бо 50-нафар кормандони Раёсати мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккили ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоҳиба кардааст, ки онҳо аз муҳиммияти ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дарак медиҳанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи 10, 11, 12, 14 ва 16 – и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гадидааст, мутобиқ мебошад.

Оид ба мавзӯи таҳқиқот, муаллифи диссертатсия 26 мақолаи илмӣ, ки аз ин миқдор 13-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос гардидаанд. Ғайр аз ин, муаллиф дар доираи таҳқиқоташ дар якҷоягӣ бо дигар муаллифон як дастури илмӣ-амалӣ ва як шарҳи таҳлилӣ ба чоп расонидааст. Ҳамаи мақолаҳо ва дастурҳои навишташудаи муаллиф оид ба мухтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо дар қисми хулосавии диссертатсия сабт ёфтааст.

Диссертатсияи Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда мешавад. Ҳамин тавр,

қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №8 аз «04»-уми марти соли 2020.

**Раиси ҷаласа:** д.и.ҳ., профессор,
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Сафарзода А.И.

**Котиби ҷаласа:** н.и.ҳ. дотсенти кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Холиқзода Ш.Л.

Имзои А.И. Сафарзода ва Ш.Л. Холиқзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
________________________Тавқиев Э.Ш.